# ГЕНДЕР ва ОБ



1 МУАРРИФИИ ГЕНДЕР. ИН ЧИСТ?



## Хонандагони азиз! Занону мардон! Духтарону писарон!

Ҳамаи мо истифодабарандагон ва истеъмолкунандагони об ҳастем. Истифодабарандагони об онро бидуни истихроҷ аз дарё ё манбаи дигар истифода мебаранд. Масалан, дар вақти истироҳат, шиновари дар дарё мо истифодабарандагони об ҳастем; осиёи обӣ, ки нерӯи ҳаракатдиҳандаи обро барои кашидани орд ё турбинаи НОБ, ки обро барои истеҳсоли нерӯи барқ ба кор мебаранд, низ истифобарандагони обанд. Дар вақти истифодаи об нӯшидан, эҳтиёҷоти коммуналӣ, объёрӣ ё истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мо истеъмолкунанда ҳастем, зеро мо обро истеъмол мекунем ва дар натиҷа миқдори он дар манбаъ кам мешавад, об камтар боқӣ мемонад, то табиат бо манзараҳои нотакрораш, зебой ва рутубати ҷазобаш чун табиат маҳфуз гардад.

Шумораи аҳолӣ дар тамоми олам зиёд мешавад ва он дар Осиёи Марказӣ ни меафзояд, захираи об бошад, агар ба некаш гирем, кам намешавад, вале баъзан якбора ихтисор меёбад. Дар соли 2025 дар минтақаи мо ба ҳар сари аҳолӣ миқдори об ду баробар кам мегардад, зеро аҳолии мо ба қадри кофӣ босуръат меафзояд.

Барои он ки об, ҳатто дар вазъи дефитсит ба ҳама расад, мо бояд босарфа истифода бурдани онро дар тамоми ҳаётамон, амалия, кор ва намудҳои гуногуни фаъолиятаман ёд гирем. Агар мо ба принсипҳои идоракунии якҷояи захираҳои об пайравӣ кунем, ин корро ба осонӣ анҷом медиҳем. Ин принсип моҳиятан, анъанаҳои бостонии аҷдоди моро эҳё мекунад. Аҷдоди мо сабақ медоданд: обро ифлос кардан лозим нест, обро босарфа харҷ кардан лозим аст, ҳамаи масъалаҳои истифодаю тақсимоти об бояд якҷоя ҳал карда шаванд, Ҳамеша ғами онҳоеро хӯрдан лозим аст, ки дар поёноб зиндагӣ мекунанд. Таҷрибаи гузаштагон ба мо боз як сабақи дигар медиҳад: табиат низ ба об эҳтиёҷ дорад, то ки дарёю кӯл ва наҳрҳо чун қисми таркибии об ландшафти зебое, ки мо зиндагӣ мекунем, боқӣ монанд.

Мо ба диққати Шумо ҷузваи ҷолиби диққати Алянсро оид ба масъалаҳои гендер ва об пешниҳод мекунем, ки дар он муқаррароти асосии истифодаи об хеле содаю осон барои ҳама - кӯдакону калонсолон баён шудааст. Алянс оид ба масоили гендер ва об ин садои занон мебошад, ки барои тозагию дастраси об ба фарзандонашон, набераҳояшон, худашон мубориза мебаранд.

Биёед ин сатрҳоро бодиққат қироат кунем ва онҳоро барои ҳама, дар навбати аввал барои худамон муфид гардонем.

Директори МИИ КБМХ профессор В. А. Духовный

Мо дар Алянс оид ба гендер ва об (АГО) хеле хурсандем, ки алҳол Шумо ин буклетро дар даст доред. Бо ёрии он мо ба Шумо дар бораи масъалаҳои муҳиму рӯзмара нақл мекунем.

Дар навбати аввал мо ба Шумоён гуфтанӣ ҳастем, ки сӯҳбат бо қироати ин буклет оғоз меёбад. Дар ҳақиқати ҳол бошад, мо умедворем, ки Шумо худатон ба наздикону шиносҳоятон дар мактаб ва кор дар бораи он чи, ки дар буклет хондед, нақл мекунед. Шумо ҳатто метавонед ба онҳо маслиҳат диҳед, ки ин буклетро хонанд.

Агар Шумо омӯзгор бошед, метавонед ин буклетро ба забони модариатон тарҷумаю чоп кунед. Шумо ҳамчунин метавонед расмҳои онро бематн барои ташкил кардани муҳокима ва мубодилаи афкор байни талабагон истифода баред. Расмҳои чаҳор буклетро шумо метавонед аз сомонаи интернетии мо www: gender.water.org гиред. Хоҳишмандем, арзи сипосро ба муаллиф ва АГО аз хотир набароред. Дар хотима мехостем ба диққати Шумо расонем, ки агар Шумо дар бораи проблемаҳои гендер марбутан ба идоракунии захираҳои об иттилооти муфассал гирифтанӣ бошед, АГО дар ихтиёри Шумост.

Шумо эътимод ҳосил мекунед, ки мо дар идора кардани ҳавзаҳо, дарёҳо ва кӯлҳо, ки аз шаҳри Шумо ё аз канори шаҳри Шумо мегузаранд, ва бо ин роҳ барои ба ҳама дастрас шудани об кори зиёдеро ба сомон расонида метавонем. Акнун навбат ба Шумо. Бароятон қироати гуворо орзу мекунем.

# КӢ БА ХОНА ОБ МЕОРАД?



Барои обро ба даст овардан,

кӣ роҳи дурударозро тай мекунад?

Кӣ ба чоҳ ғамхорӣ зоҳир менамояд?

Кӣ ба боғ об мемонад?



Кӣ бояд ғами хӯрок, обу саломатии аҳли оила ва махсусан кӯдаконро хӯрад, ҳамчунин дар хона шароити бофароғатро муҳайё кунад?



# ҲАМАИ ИН КОРҲО ДАР ЎҲДАИ ЗАН АСТ (қариб дар ҳама ҷо)



Аз қадимулайём ҳамаи ин корҳо дар дӯши занон, ҳатто аз хурдсолӣ мебошад. Ин бор мумкин аст ба дӯши писарбачаю духтарчаҳои хурдсол ва одамони кuҳансол афтод.

Аз рӯи адолат нест, ки ҳамаи ин корҳо то ҳол дар ӯҳдаи ин одамон аст.





Аз оғози ҳаёт

тақдири зан ва об

ба ҳам

алоқаманд аст.



Ҳаёт

дар об оғоз меёбад.

Пеш аз таваллуд

шудан, мо ҳама

мо ҳама дар иҳотаи

ҳубобчаҳои об ҳастем.

# ОБ -



“Ба ҳаракатоварандаи чархи ҳаёт” маҳз об аст.

# ҲАЁТ!



Қисми асосии

бадани мо аз об иборат аст.

Он дар ҳар як ячейкаи хурдтарини



хун, арақ, ашк, луоб ва

ширaи ҳозима мавҷуд аст.

Ҳисоб шудааст, ки 70%

бадани инсон аз об иборат аст.



# ОБ БА ҲАМА ПЕШБИНӢ МЕШАВАД!

Ба мардон, занон, чавонону солхўрдагон, духтарону писарон.



# ҒАМХОРӢ ДАР БОРАИ ОБ ВАЗИФАИ ҲАР ЯКИ МОСТ!

Дарёе, ки аз шаҳри шумо мегузарад, инчунин ба онҳое тааллуқ дорад, ки дар соҳили он дар дигар ҷойҳо зиндагӣ мекунанд.

Ҳамаи он чизҳое, ки дар маҷрои боло ба об меафтад, ба ҳаёти шахсоне, ки дар поёноб зиндагӣ мекунанд, таъсир мерасонад.



Вақте ки шумо дарахтони соҳилро мебуред, борон ҳамаи ифлосиҳоро ба дарё мебарад.



Дар ҷӯй кадом ҳодисаҳо рух медиҳанд, он вақт маълум мешавад, ки он ба дарё расад



Агар ягон кас партовро ба фазои кушодаи об партояд ё заҳрдоруҳоро беэҳтиёт истифода барад, онҳо обанбору чоҳҳоро, ки мо он ҷо об мегирем, олуда месозанд.



Агар ягон кас аз дарё барои обёрӣ оби зиёд гирад, мумкин аст об ба одамоне, ки дар поёноб зиндагӣ мекунанд, нарасад.



Вақте ки Шумо барои танзими дарё сарбанд бунёд мекунед, он мумкин аст пору андохтанро ба заминҳои поёноб қатъ кунад ва ба рӯзгузаронии оилаҳое, ки бо хоҷагии натуравӣ машғуланд, таъсир расонад.



Агар об барои нигоҳ доштани муҳити зист кам бошад, ин ба воситаҳои мавҷудияти онҳое таъсир мерасонад, ки бо моҳидорию ҷамъоварии меваҳо дар ҷангал машғуланд.

Мисли он ки об ба ҷангал ва олами набототу ҳайвоноти он ҳаёт мебахшад, ҷангал низ ба об барои ба охир расонидани сикли он ёрӣ мерасонад. Агар муҳити зист муҳофизат шуда бошад, он обро бо рохи табиӣ тоза мекунад.



Вақте ки фаъолияти инсон табиатро тағйир медиҳад, он, бо ин роҳ, хавфи хушксолӣ, обхезӣ ва фалокатҳои табииро зиёд мекунад, ки онҳо ба бехонумон мондани ҳазорҳо одамону оилаҳояшон сабаб мегарданд.





Мо бояд дар бораи онҳое низ фикр кунем, ки ба об эҳтиёҷ доранд...





Дар баъзе маҳалҳо, асосан занону духтарон ба сабаби нарасидани об ба эҳтиёҷоташон азоб мекашанд. Дар ин маҳалҳо пайдо кардани об хеле мушкил аст ва ҳатто агар об бошад, барои хӯрдан нобоб аст. Айни замон дар ҷойҳои дигар обро исроф мекунанд.

## Мо бояд эҳтиёҷи ҳамаи одамонро ба назар гирем...



## ...зеро об ба мо барои ҳама чиз зарур аст!

Намудҳои зерини ба ҳама маълуми истифодаи об мавҷуданд. Об ба мо ва ҳамчунин ба ҳайвонот барои нӯшидан зарур аст; ба кишоварзӣ оби зиёд лозим аст. Барои дар муҳити тозагӣ солим зистан низ об лозим аст.



Ба туфайли об киштиҳо шино мекунанд, нерӯгоҳҳои обии барқӣ кор мекунанд, истеҳсолоти саноатӣ амалӣ мегардад. Вале аз ҳама муҳимаш, об моддаи ғизодиҳанда аст! Инсон зиёда аз се рӯз бе об зиндагӣ карда наметавонад. Рустаниҳо низ бе об ба ҳалокат мерасанд.



Мо бояд обро  хубтар тақсим кунем.

Дар бораи об аз ҳама беҳтар ашхосе сухан ронда метавонад, ки бо он ҳамзистӣ доранд! Ашхосе,ки аз масъалаҳои об аз ҳама бештар азият мекашад.



Занон, кӯдакон ва одамони куҳансол бояд дар кори дастаҷамъие иштирок кунанд, ки он...



ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

номида мешавад.

Иштирок кардан дар идоракунии захираҳои об танҳо бо ибрози ақидаю мулоҳиза маҳдуд намегардад. Он иштирокро дар ҳамаи қарорҳо оид ба об дар бар мегирад: чи тавр обро тақсим, ҳифз ва истифода кардан лозим аст. Ҳамчунин идора кардани об якҷоя бо намояндагони ҳукумат ва ҳамаи онҳое, ки обро истифода мебаранд.



Суханони занон, кӯдакон ва одамони солхӯрда, ки онҳоро маъмулан ҳангоми раванди қабули қарорҳо сарфи назар мекунанд, бояд шунида шавад, фикри онҳо ба эътибор гирифта шавад ва онҳо бояд иҷроиши ин қарорҳоро таҳти назорат гиранд. Онҳо бояд дар идоракунии об дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ иштирок кунанд.



Ба одамон бояд об барои шикастани ташнагӣ кафолат дода шавад. Ба истеҳсолкунандагони молҳои истеҳсолӣ чӣ?

# ОБ АРЗИШИ ИҚТИСОДӢ ДОРАД!

Одамони дилхоҳе, ки обро ба мақсадҳои иқтисодӣ аз манбаъ баровардани аст, бояд нархи ба он хосро пардохт кунад. Ин пул таъиноти худро дорад: Нигоҳ доштани идоракунии захираҳои об.



Аз тарафи дигар, бояд ҳаққи меҳнати онҳое, ки ба ҳифзи табиат, ва об низ ёрӣ мерасонанд, пардохт шавад.

## ИН АЗ РӮИ АДОЛАТ АСТ!






Азбаски об марзҳоро убур мекунад, мо бояд бо ҳамаи онҳое, ки дар ҳамон ҳавза зиндагӣ мекунанд, мулоқот намоем. Ҳавза ин масоҳати обғундорест, ки табиат дар он як гурӯҳ дарё, кӯл ва обанборҳои ба ҳам алоқаманди зеризаминиро гирд овардааст.



ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ БОЯД ҲУКУМАТҲОЮ ҶОМЕАҲО ВА ҲАМАИ ИСТИФОДАБАРДАГОНИ ОБИ ҲАР ҲАВЗАИ ҲИДРОГРАФИРО МУТТАҲИД СОЗАД.



# Дар муҳокима ва қабули якҷояи қарорҳо бояд ҳама иштирок кунанд!





Нашрияро таҳия карданд:
Матн ва расмҳои
Жиралдо Алвс Пинто ва Мегетерио
(Мигел Мендес Риэс, Марко Антолио де Ж. Ферейро, Фабио Ферейра, Вандерлей Сорэс. Ҳамкории Феррет).

Таҳти таҳрири

Instituto Ipanema- Бразилия
www.institutoipanema.net
Самтгири: Demetrios Christofidis e Ninon Machado
Татбиқ
Директори иҷроия Йоке Милвяйк
jokemuylwijk@chello.nl
secretariat@gwalliance.org
www.genderandwater.org
Альянс оид ба масъалахои гендер ва об
Хогестраат 20, 6953AT Диерен, Нидерланды
Суроғаи почта: 114, 6950AC Диерен, Нидерланды
+31 313 427230
Ҳуқуқи муаллифӣ-- Альянс оид ба масъалаҳои гендер ва об - АГО

Баъди хондани ҳамаи буклетҳои ҳамин силсила шумо метавонед бо мактаббачагон ва ҳамкорон ба таври дилхоҳатон кор кунед. Шумо метавонед расмҳоро бе матн истифода баред. Ба вебсайти АГО даромада, ба компютери худатон ворид созед. Шумо ҳамчунин метавонед тартиби ҷобаҷогузории расмҳоро тағйир дода, мавзӯи худатонро нақл кунед ва дарси худатонро тайёр намоед. Ба Жиралдо ва АГО арзи сипос карданро аз хотир фаромӯш накунед.

Нашрияи тоҷикӣ дар портали

www.cawater-info.net



**Чор буклет мавчуд аст:**

1. Гендер ва об. Муаррифии гендер. Ин чист?
2. Гендер ва об. Санитария ва саломатӣ
3. Гендер, об ва ҳодисаҳои иқлимӣ
4. Гендер, об, кишоварзӣ ва озуқаворӣ

GWA GENDER AND WATER ALLIANCE